СУРАТҶАЛАСАИ №166

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

аз 24 ноябри соли 2026

Иштирок кард: Аз 16 нафар ҳайати шурои диссертатсионии аз ҷониби KOA назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 16 нафар иштирок доштанд: Иматзода Л.М. – раиси шуро, Раҳимзода Х. – муовини раиси шуро, Котибова Ш.П. - котиби илмӣ, аъзоён: Негматов С., Латифзода Д.Н., Юнусова Н.М., Гулмадов Ф., Иззатова М.И., Каримзода М.Б, Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш. аз ҷумла, 3 нафар докторони илм ва 3 нафар номзадони илм оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешвад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМА

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

ШУНИДА ШУД:

И.в. раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Раҳимзода Х., аъзои комиссияи экспертӣ д.и.п., прфессор Иззатова М.И., н.и.п. дотсент Махкамов Д., н.и.п. Ҳакимова Ҷ.С. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад карданд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қуввахои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли

хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ: **Шарофзода Шавкат Аҳмад** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва **Неъматов Рамазон Ҳусниддинович** - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт таъин карда шаванд.

Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

2. Рӯзи ҳимоя 12 январи соли 2027 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

И.в. раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимзода Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

Имзои Раҳимзода Х. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корғузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО